**ХУЛОСАИ**

**ниҳоии шурои диссертатсионии 6D.KOA-045 назди муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600 - иктисодиёт (6D050605 - Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт)**

**Парвандаи аттестатсионии № ________**
**Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 21.12.2023, №2**

Барои сазовор донистани Абдуллоев Акмал Абдуҷаборович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600 - Иктисодиёт (6D050605 - Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иктисодиёт).

Диссертатсияи Абдуллоев Акмал Абдуҷаборович дар мавзуи “Воситаҳои инструменталии муайян намудани самаранокии амнияти иттилоотӣ дар таълими фосилавӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050605 - Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт), санаи 10.10.2023 барои ҳимоя қабул карда шуд, суратҷаласаи №12-и Шурои диссертатсионии 6D.KOA-045 назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» (735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1), ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8-уми апрели соли 2022 таҳти №123 таъсис дода шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Абдуллоев Акмал Абдуҷаборович шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон 04 июни соли 1988 дар шаҳри Душанбе таваллуд шудааст. Соли 1995 ба синфи якуми мактаб гимназияи №24 шаҳри Хуҷанд рафта, соли 2005 муассисаи мазкурро бо баҳои хубу аъло хатм намудааст. Пас аз хатми мактаби миёна, соли 2005 ба факултети кибернетикаи «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» дохил шуда, онро соли 2010 аз рӯи ихтисоси системаи автоматикунонидашудаи коркарди ахбор ва идоракунӣ – муҳандис - иқтисодчӣ хатм кардааст. Соли 2016 ба курси якуми магистратураи «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» аз рӯи ихтисоси “Системаи компютерӣ ва Интернет технология” дохил шуда, соли 2018 онро хатм намудааст. Соли 2018 ба курси якуми доктарантураи (PhD) дохил шуда, онро соли 2022 хатм намудааст. Соли 2018 кори илмии худро дар мавзуи “Воситаҳои инструменталии муайян намудани самаранокии амнияти иттилоотӣ дар таълими фосилавӣ” зери роҳбарии д.и.и. профессор Ҷурабоев Ғ. оғоз намудааст.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи шурои олимони Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров тасдиқ шудааст. (Протоколи №4 аз санаи 29-уми ноябри соли 2018). Диссертатсия дар кафедраи идоракунии

иқтисодиёт ва маркетинги МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ба иҷро расида, муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод гардидааст (Протоколи №1 аз 29-уми июни соли 2023).

**Роҳбари илмӣ: <u>Ҷурабоев Ғафурҷон</u>** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, академики Академияи Байналмилалии илмҳои ташкилӣ.

**Муқарризони расмӣ:**

**Ходжаев Парвиз Давронович** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи муносибатҳои иқтисодию байналмилалии Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон;

**Назаров Акбар Шарифович** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи технологияи иттилоотӣ ва ҳифзи маълумоти Донишгоҳи давлатии техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ, узви Шурои диссертатсионӣ ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи пешбар** - Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14) дар тақризи мусбат, ки аз ҷониби номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ѓафуров Парвиз Ҷурахонович омода карда шуда, аз тарафи раиси ҷаласа Мирзоабдуғафуров Каримҷон Иброҳимҷонович- н.и.ф.м, дотсенти кафедраи иќтисоди раќамї ва логистикаи Донишгоњи давлатии молия ва иќтисоди Тоҷикистон имзо гардида, дар ҷаласаи васеи кафедраи иќтисоди раќамї ва логистикаи Донишгоњи давлатии молия ва иќтисоди Тоҷикистон аз 25 ноябри соли 2023 суратҷаласаи №4/1 баррасӣ гардида, аз ҷониби ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Абдуалимзода Ҳакимбек Абдуалим, аз 27-уми ноябри соли 2023 тасдиқ карда шудааст, хулосаи мусбат додааст. Дар тақриз хулоса бароварда шудааст, ки диссертатсияи Абдуллоев Акмал Абдуҷаборович тадқиқоти ба итмомрасида маҳсуб ёфта, таркиб ва сохтори он бо тавсияву асосноккунӣ дар сатҳи баланди назариявӣ навишта шудааст. Оид ба натиҷаҳои диссертатсия аз тарафи муаллиф 5 мақола дар маҷаллаҳои аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда, 4 мақола дар дигар маҷаллаҳои илмӣ чоп карда шудааст. Интишороти муаллиф натиҷаҳои асосии диссертатсияро дар бар мегирад. Автореферати диссертатсия қисмати асосии дисертатсияро фарогир мебошад. Диссертатсияи Абдуллоев А.А. ба шиносномаи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050605-Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт) ба бандҳои 1.10.Таҳия ва рушди методҳо ва моделҳои математикии идоракунии хавфи иттилоотӣ; 2.11.Рушди методҳои иқтисодии таъмини бехатарии иттилоотӣ дар ситемаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ мувофиқат мекунанд.

Диссертатсияи тақризшаванда ба талаботи бандҳои 31-33-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 30

июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқат мекунад. Муаллифи он, Абдуллоев Акмал Абдуҷаборович сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050605 - Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт) мебошад.

**Мақолаҳое, ки аз рӯйи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба нашр расидаанд:**

**А) Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М] Абдуллоев А.А. Алгоритмы определения показателей эффективности дистанционного образования. [Матн] / А.Абдуллоев, М.Саидов // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. Хуҷанд. – 2021 №4 (59) – С.163-166. ISSN 2077-4974.

[2-М] Абдуллоев А.А. Оптимизация вложений в систему информационной безопасности. [Матн] / А.Абдуллоев, М.Саидов // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. Хуҷанд. – 2021 №4 (59) – С.163-166. ISSN 2077-4974.

[3-М] Абдуллоев А.А. Самаранокии амнияти иттилоотӣ дар низоми таълими фосилавӣ. [Матн] /А.А.Абдуллоев// Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. Хуҷанд. – 2022 №2 (61) – С.185-188. ISSN 2077-4974.

[4-М] Абдуллоев А.А. Моделҳо ва технологияҳои иттилоотии таҳсилоти фосилавӣ. [Матн] / Ғ.Ҷурабоев, А.А.Абдуллоев // Иқтисодиёти Тоҷикистон. 2022 №3 С.79-84. ISSN 2310-3957.

[5-М] Абдуллоев А.А. Таъмини амнияти иттилоотӣ дар шабакаи корпоративӣ. [Матн] / А. А.Абдуллоев // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. Хуҷанд. – 2023 №2 (65) – С.111-115. ISSN 2077-4974.

***Б) мақолаҳои дар дигар маҷаллаҳо ва маҷмӯаҳо ба нашррасида:***

[6-М] Абдуллоев А.А. Защита учебных мультимедейных материалов в системе дистанционного образования. [Текст] / А.А.Абдуллоев // Сборник статей Международной научно-практической конференции «Передовое развитие современной науки: опыт, проблемы, прогнозы. Петрозаводск: МЦНП «Новая наука», 2020.С.28-34.

[7-М] Абдуллоев А.А. Ҳифзи амалиётҳои баҳогузорӣ ба донишандузии донишҷӯён дар низоми таҳсилоти фосилавӣ. [Матн] / А.А.Абдуллоев // Маводи конференсияи илмӣ–амалии ҷумҳуриявӣ тахти унвони "Таҳсилоти фосилавӣ:воқеият ва дурнамо". Хуҷанд–3 майи 2022. С.37-41.

[8-М] Абдуллоев А.А. Инкишофи воситаҳои таълими фосилавӣ. [Матн] /А.А.Абдуллаев // Маводи конфронси илмӣ-амалии байналмилалӣ бахшида ба 80-солагии Арбоби илм ва техникаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои

иқтисодӣ, профессор Уроқов Д.У. дар мавзуи «Иқтисодиёт, молия, ҳисобгирӣ, таҳлил ва аудит: афзалиятҳои рушди стратегӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ» (21-23 юми майи соли 2022). С. 18-22.
[9-М] Абдуллоев А.А. Амнияти контенти низоми таҳсилоти фосилавӣ. [Матн] /А.А.Абдуллоев //Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмиллалӣ дар мавзӯи "Муаммоҳои муосири илмҳои дақиқ дар омода намудани мутахассисони баландихтисоси соҳаи кӯҳию металлургии кишвар". Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон. 11 марти соли 2023.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шудаанд:**

**1. Дадоматов Далер Нишонбоевич** - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон бо чунин эродҳо:

- дар автореферат баъзе ғалатҳои услубӣ, имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд;
- маълум аст, ки низоми таҳсилоти фосилавӣ дар муҳити шабакаи глобалии Интернет фаъолият менамояд. Мутаасифона, дар автореферат оид ба ин омил маълумот оварда нашудааст.

**2. Самандарзода Искандар Ҳусейн** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур бо чунин эрод:

1. Тавсияҳое, ки дар автореферат барои истифодаи амалии натиҷаҳои тадқиқот оварда шудааст, таҳрирталаб мебошад;
2. Хуб мешуд, агар дар автореферат барномаҳои, ки дар таълими фосилавӣ дар истифода қарор доранд, инъикос мегардид;
3. Дар саҳифаи 4-уми автореферат ному насаби олимони ватанӣ доир ба масъалаҳои назариявӣ ва амалии таъмини амнияти захираҳои иттилоотӣ ва воситаҳои низоми таҳсилоти фосилавӣ ва баҳодиҳии онҳо зикр гардида, дар матни он фикру андешаи онҳо доир ба мавзӯъ кам ба назар мерасад.

**3. Юсупов Шодмон Насурович** -номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёти ДМТ бо хулосаи мусбат ва бо ишораи чунин эродҳо:

1. Беҳтар мебуд, агар дар автореферат сатҳи таҳдиди хатарҳо, то кадом андоза харобиовар будани онҳо ба муассисаи таҳсилоти олӣ муайян карда мешуд;
2. Яке аз нишондиҳандаҳои муҳими натиҷаҳои гузариш аз шакли анъанавии таҳсилот ба шакли таҳсилоти фосилавӣ дар натиҷаи татбиқи технологияи иттилоотӣ дар раванди таълим самаранокии иқтисодии он мебошад. Беҳтар мебуд, агар дар автореферат баҳои самаранокии ин гузариш ва

ба баҳои самаранокии натиҷаи татбиқи алгоритмаҳои ҳифзи иттилоот дар муасисса мавриди назар дарҷ карда мешуд;

3. Агар дар рисолаи диссертатсионӣ таҷрибаи кишварҳои пешқадам доир ба масъалаи мавриди назар ба инобат гирфта мешуд ва ё баҳои муқоисавӣ бо кишварҳои ҳамсоя дар ин бора дода мешуд, беҳтар буд.

**4. Қобилов Маруф Махмудович-** номзади илмҳои физикаю математика, дотсенти кафедраи информатика ва технологияи иттилоотии Донишгоҳи славянии Руссия ва Тоҷикистон бо чунин эродҳо:

1. Хуб мешуд, агар ҳисобҳои амалии гузаронидашудаи муаллиф оид ба бартарӣ ва эътимоднокии усулҳои пешниҳодшудаи ҳифз ва арзёбии эҳтимолии амнияти иттилоотӣ дар автореферат дар намуди ҷадвал бештар нишон дода мешуданд;
2. Дар автореферати рисола ғалатҳои имловӣ ва услубӣ низ мавҷуд аст.

**5. Баходурова Сулхия Азизҷоновна -** номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти муҳандисӣ ва менеҷменти Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ бо эроди зерин:

1. Дар саҳифаи 18, ҷадвали 1. - Таҷҳизотҳои лозима барои ташкили шабакаи компютерии МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров», оварда шудааст, ки ин нишондиҳанда аз рӯи ҳама меъёрҳо қобили қабул аст. Динамикаи арзишҳои талафот дар давраи соли 2021 низ арзёбӣ шудааст, ки тақсимоти тақрибан мутаносиби талафотро дар семоҳа инъикос мекунад. Хуб мешуд, боз ин нишондиҳандаҳо дар давоми сол ҳам оварда шаванд;
2. Ҳангоми таҳлили маводи оморӣ бояд арзёбии илмии онҳо пурзӯр карда шавад;
3. Дар автореферат хатоҳои имлоӣ ва техникӣ ҷой доранд.

**Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар асоснок карда мешаванд:** интихоби муқарризони расмӣ бо пешниҳоди комиссияи ташхисии Шурои диссертатсионӣ, инчунин бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи масъалаҳои назариявии амсиласозии эконометрикии муайян намудани самаранокии амнияти иттилоотӣ дар таълими фосилавӣ, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳамияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

Интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- таснифи самтҳои татбиқи низоми таҳсилоти фосилавӣ, системаҳои амнияти иттилоотӣ оид ба таъмини амнияти иттилоотии ин низом муайян карда шуда, мушкилотҳои асосии мавҷудбуда гурӯҳбандӣ, ҷамъбаст ва ба тартиб дароварда шудааст;
- воситаҳои инструменталӣ ва амсилаи арзёбии самаранокии иқтисодии системаи амнияти иттилоотии низоми таҳсилоти фосилавӣ таҳия карда шуда, маҷмӯи талафоти эҳтимолии иқтисодӣ ба воситаи таҳияи модели махсус муайян карда шудааст;
- маҷмӯи нишондодҳо ва алгоритмҳои муайян намудани самаранокии таълим ва самаранокии иқтисодии фаъолияти низоми таҳсилоти фосилавӣ, таъмини амнияти иттилоотии он муқаррар карда шудааст, ки онҳоро муаллиф ба гурӯҳҳо ҷудо намуда, муайян кардааст, ки самаранокии таҳсилоти фосилавӣ дар натиҷаи гузариш аз шакли анъанавии таълим ва таъмини амнияти иттилоотии ин раванд таъмин карда мешавад;
- амсилаи эконометрикӣ барои муайян намудани амнияти захираҳои иттилоотии низоми таҳсилоти фосилавӣ тавассути арзёбии эҳтимолии таҳдид таҳия карда шудааст;
- воситаҳои инструменталӣ ва алгоритми баҳогузории самаранокии иқтисодии системаи амнияти иттилоотии низоми таҳсилоти фосилавӣ муқаррар карда шуда, низоми таҳсилоти фосилавӣ дар МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ба воситаи усулҳои мухталифи таълим, таъминоти барномавӣ ва системаи идоракунӣ, бо инфрасохтори шабакавӣ ва низоми амнияти иттилоотии дақиқ фаъолиятбаранда татбиқ карда шудааст;
- вобастагии амнияти объектҳои гуногуни низоми таҳсилоти фосилавӣ аз шумораи донишҷӯён ва воситаҳои амнияти иттилоотӣ муайян карда шудааст, ки мутобиқи он самаранокии низоми ҳифзи иттилоот вобаста аз шумораи истифодабарандагон ба таври назаррас коҳиш меёбад.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** дар инкишофи минбаъдаи назарияи амсиласозии иқтисодӣ ва математикӣ дар соҳаи таъминоти амнияти иттилоотии низоми таҳсилоти фосилавӣ, коркарди моделу алгоритмҳо дар шароити иқтисоди рақамӣ, истифодаи эҳтимолии таҳдид дар ташаккули шабакаи компютерии корпоративӣ зоҳир мегардад.

**Аҳамияти амалии тадқиқот**. Аҳамияти амалии таҳқиқот барои истифодаи методология ва алгоритмҳои самаранокии амнияти иттилоотии низоми таҳсилоти фосилавӣ тавассути нишондиҳандаҳои самаранокии таълимӣ

мебошад, ки баланд бардоштани сифати таълим ва афзоиши ҳаҷми муҳассилинро дар муассисаҳои таҳсилотии олии касбӣ ба назар мегирад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ:**

Муаллиф дар коркард ва татбиқи амсиласозии иқтисодӣ ва математикӣ дар соҳаи арзёбии самаранокии иқтисодии амнияти иттилоотии низоми таҳсилоти фосилавӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ саҳми муайян гузоштааст. Ҳангоми коркарди амсила барои арзёбии амнияти захираҳои иттилоотии НТФ ва НТФ бо САИ муаллиф баҳодиҳии амнияти иттилоотиро дар вобастагӣ аз объекти амнияти иттилоотӣ ва шумораи истифодабарандагон ба инобат гирифтааст. Намуди вобастагии хароҷоти таъмини амнияти иттилоотӣ ва бузургии хатари НТФ муайян гардид ва тағйирёбии сатҳи хавф аз зиёд ё камшавии хароҷоти таъмини амнияти иттилоотӣ имконпазир гардидааст.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:** муқаррароти илмии тадқиқоти диссертатсионӣ, хулосаҳо ва натиҷаҳои амалӣ, тавсияҳо бо асоснокӣ, таҳлил ва истифодаи моделҳои эконометрикии коркардшуда дар таъмини амнияти иттилоотӣ, ҳифзи иттилоот дар НТФ ва таҳияи САИ дар мисоли МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» тасдиқ карда шудааст.

Дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-045 назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» аз санаи 21.12.2023 қарори сазовор донистани Абдуллоев Акмал Абдуҷаборович ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050605 - Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт), ба овоз монда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-045 назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» 9 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 6 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 9 нафар аъзои Шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600 - Иктисодиёт (6D050605 - Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иктисодиёт) – 9 нафар, мукобил - нест, бетараф - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Қодиров А.Л.**

**Иҷрокунандаи вазифаи котиби илмии**
**Шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **Абдулла-заде Д.**

21.12.2023